**ПРОТОКОЛИ №__10__**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-113**

**аз "_30_" _06_ соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
Аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025 №495/шд тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзоёни шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи **Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Шербоев Саидбой ва аъзои комиссияи экспертӣ Солеҳов Мирзо Одинаевич, Ҳомидзода Дилмурод Ражаб оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо"** ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Негматов Садуллоҷон Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи такрорӣ **22 сентябри соли 2026 соати 11.00** муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Абдуллоева Т.М.**